# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ФАРМОИШ

735140. ш. Душанбе, кӯч. Шевченко. 39, тел: (+992-37) 227-00-09, факс: (+992-37) 221-91-94, www.vak.tj

аз «9» апрели соли 2021 №114/ҳи ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ
бозхонд намудани диссертатсия

Мувофиқи банди 13 ва 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015 № 504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 № 505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Диссертатсияи Уроков Фахриддин Пиримкулович дар мавзӯи “Мукаммалгардонидани ҳимояи интегратсионии помидор аз зарарасонҳои асосӣ дар водии Ҳисори Тоҷикистон” (“Усовершенствование интегрированной защиты томата от основных вредителей в Гиссарской долины Таджикистана”) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081100-Муҳофизат ва карантини растаниҳо, мутобиқи банди 73 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505), аз баррасӣ бозхонд карда шавад.

2.Баррасии такрории диссертатсияи Уроқов Фахриддин Пиримкулович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081100-Муҳофизат ва карантини растаниҳо пас аз 6 моҳ, баъди ба имзо расидани фармоиши мазкур ба роҳ монда шавад.

3.Нусхаи фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

4.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ гузошта шавад.

Асос: аризаи довталаб Уроқов Ф.П. аз 7 апрели соли 2021 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ.

Раис А. Розиқзода